Паёми

табрикотии ичрокунандаи вазифаи Раиси нохияи Зафаробод

Муродзода Муким Каюм бахшида ба чашни Иди Сада

**Хамдиёрони азиз!**

**Сокинони сарбаланди нохияи Зафаробод!**

Сада яке аз кухантарин чашнхои мардуми ориёинажод буда, гузаштагон онро хамчун ситоиши пирӯзии рӯшноӣ ба торикӣ, бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли бахору муждаи пешакии Наврӯз дониста, бо шукӯху шахомати хоса, афрӯхтани гулхан ва дар гирди он раксу бозӣ намудан, пешвоз мегирифтанд. Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани Шаби Ялдо ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, аз гузаштани сардихои зимистон дарак медихад. Мардум идро барои он Сада меноманд, ки аз шумораи сад гирифта шуда, аз 10-уми мохи Бахман то омадани Наврӯз 50 шабу 50 рӯзро фаро гирифта, мутобики солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва огози рӯзи 31-уми январ рост меояд. Фирдавсии бузург пайдоиши чашни Садаро ба давлати Хушанг – подшохи дуюми сулолаи пешдодӣ нисбат дода, Абӯрайхон Берунӣ бошад онро рамзи пирӯзии Фаридун бар Заххок шуморидааст.

Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон ва талошхои Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар баробари чашнхои бостонии Наврӯз ва Мехргон ба Иди Сада низ умри дубора бахшида, акнун Сада хамасола дар тамоми гӯшаю канори кишварамон бо шукӯху шахомат чашн гирифта мешавад.

Чашни Сада дар замони мо, тачассумгари суннатхои неки инсонӣ буда, файзу баракати дастурхони пурнеъмати кишоварзонро бо шукӯху шахомати хоса инъикос менамояд.

Бо истикболи ин рӯзи муборак ба корхои кишоварзӣ вусъат бахшида, шудгор, нихолшинонӣ, ба тартиб даровардани богот, омода намудани техника ва олотхои мехнат, тоза кардани нахру чӯйборхо, таъмири пойгоххои обкашӣ ва азназаргузаронии захирахои тухмӣ фаро мерасад.

Кишти тирамохии галла анчом ёфта, ба шудгори заминхо барои кишти бахорӣ вусъат дода мешавад. Чорводорон ба маъракаи тулгирӣ омодагӣ мебинанд. Намоишхои нихолу гулу тухмии зироатхо барпо карда шуда, сол то сол, аз Сада то Сада майдонхои бог васеъ гардида, шудгори замин ва тозакунии нахру чӯю захкашхо сифатан бехтар ба рох монда мешавад. Дар мавсими омода намудани заминхо, тухмӣ, техникаи кишоварзӣ ва олоти мехнат фаро расидани Иди Сада басо рамзӣ буда, дар радифи иди Мехргон, хамчун иди касбии кишоварзон ба хукми анъана даромадани тачлилаш далели он аст, ки миллати куханбунёди мо дар партави сиёсати Пешвои муаззами миллат мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон  рӯ ба арзишхои гузаштаи фархангии хеш оварда, эхёи онхоро вазифаи бошарафи худ медонад.

**Хамдиёрони азиз!**

Чашни Иди Сада чорабинии аввалини имсолаи нохия дар доираи чашнгирихои 35 - солагии Истиклолияти давлатии Чумурии Точикистон мебошад. Корхои омодагӣ ба истикболи шоистаи ин чашни муборакӯ мукаддас дар тамоми гӯшаву канори нохияамон идома дорад. Боварӣ дорам, ки мардуми сарбаланди нохияи Зафаробод сиёсати хирадмандона ва пайгиронаи Рохбари давлатро чихати таъмини хадафхои олии мардум, накшахои бузурги бунёдкорӣ, иктисодӣ, итимоӣ ва фархангии кишвар, хамчунин дастуру супоришхо ва вазифагузорихои Сарвари давлатро, ки дар чараёни ироаи Паёми

Президенти кишвар ба макоми олии конунгузории мамлакат 28 декабри соли 2024 баён гардиданд, сармашки ободкорихои навини худ намуда, бахри сазовор чашн гирифтан 35-солагии Истиклоли давлат сахми арзанда хоханд гузошт.

Хамаи Шумо - мардуми шарафманди нохияро ба муносибати чашни Сада табрик гуфта, орзуманди онам, ки хамеша сихатманду сарбаланд бошеду рӯзгоратон пурфайзу баракат.

Бигзор чашни миллӣ ва ачдодиамон хамеша поянда, Вахдати миллии мо комил ва зиндагониямон доимо тинчу осуда бошад.

**Саломату сарбаланд ва хонаобод бошед, хамдиёрони азиз!**